**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ
734026 ш.Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/1. тел./факс 235-15-25

**аз «___» ____________ соли 2015, № _________**

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳисобот**
**дар бораи фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**
**дар соли 2014**

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар соли 2014 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монда ба як қатор комёбиҳои назаррас ноил гардид.

**Дар соҳаи меҳнат**

Вазифаҳои асосии самти фаъолият ин таъмини рушди устувори шарикии иҷтимоӣ тавассути ба имзо расонидани созишномаҳои соҳавӣ, шартномаҳои коллективӣ ва қарордодҳои меҳнатӣ; бақайдгирии созишномаҳои соҳавии (тарифӣ), шартномаҳои коллективӣ; ҳамкорӣ бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттиходияҳои корфармоёни Тоҷикистон, сохторҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо дар самти ҳаллу фасли масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ; масъалаҳои рушди минбаъдаи татбиқи кафолатҳои меҳнатӣ; мусоидат ба таъминоти саривақтӣ ва пардохти музди меҳнат дар ташкилоту муассисаҳо ва дигар масъалаҳо вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо тағйир ёфтани сохтор дар асоси фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2014, №192 Оид ба тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии аз 4 июни соли 2014, №391 «Дар бораи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ» ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар истеҳсолотбудаи собиқ шуъба ва бахшҳои меҳнати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷониби сохторҳои Агентӣ ба истеҳсолот қабул гардиданд.

Бо мақсади гузаронидани санҷиш ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба иҷрои фармоиши мазкур дар асоси фармоиши директори Агентӣ аз 31

июли соли 2014, №28 - СХ ва Нақшаи кории Агентӣ дар моҳи августи соли ҷорӣ кормандони Агентӣ ба ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сафари хизматӣ анҷом доданд. Санҷиш нишон дод, ки дар ҳама шаҳру ноҳияҳо фаъолият дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади фаъолияти пурсамар дар самти муносибатҳои меҳнатӣ дар асоси фармоиши директори Агентӣ аз 22 июни соли 2014, №25 «Дар бораи вобаста намудани кормандон дар самти меҳнат» шахсони масъул вобаста карда шудаанд.

Ҳамзамон барои истифодабарӣ ва хубтар ба роҳ мондани фаъолияти сохторҳои Агентӣ дар ин самт аз ҷониби Агентӣ дастурамали корбарӣ, ки аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муносибатҳои меҳнатӣ иборат мебошад омода гардида, ба сохторҳо ирсол карда шуд. Инчунин тибқи қарори Ҳайати мушовараи вазорат ва Нақшаи иловагии Муассисаи давлатии "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" Агентӣ дар якҷоягӣ бо Муассисаи давлатии "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" ва дар асоси фармоишҳои Директори Агентӣ аз 8 октябри соли 2014, №39-сх аз 13 то 18-уми моҳи октябри соли ҷорӣ дар вилояти Суғд, аз 23 октябри соли 2014, №46-сх аз 27-уми октябр то 1-уми ноябр дар вилояти Хатлон, аз 27 октябри соли 2014, №48-сх аз 3-юм то 8-уми ноябр дар шаҳри Душанбе ва аз 5 ноябри соли 2014, №52-сх аз 10 то 16 ноябр дар ВМКБ ба мутассадиёни самти меҳнат ҳамчун кумаки методӣ курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуд. Дар ин курсҳо 79 нафар мутассадиён аз Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мазкур ҳамчун шунаванда иштирок намуда, ихтисоси худро такмил дода, ба онҳо шаҳодатномаҳо супорида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби Агентӣ 2 сабти телевизионӣ бо иштироки сардори Раёсати ҳифзи меҳнат, роҳбарони сохторҳои Агентӣ дар ш. Душанбе ва вилояти Хатлон ташкил карда шуд. Инчунин дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ семинар машваратҳо бо иштироки корфармоён дар самти муносибатҳои меҳнатӣ доир гардида, оид ба гузаронидани семинар-машваратҳо дар вилояти Суғд дар сомонаи WWW.kor.tj маълумот ворид карда шуд. Ҳамзамон дар сомонаи мазкур як банд (саҳифа)и махсус барои самти муносибатҳои меҳнатӣ кушода шуда дар он маълумотҳо аз зерсохторҳо дар самти мазкур ҷой дода мешаванд.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд камбудиҳои асосии самти мазкур қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳо ин саривақт пардохт накардани музди меҳнат, ки боиси қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат мегардад ва аз ҷониби баъзе корхона, ташкилот ва муассисаҳо ин ба қайд нагирифтан ва сабтином накардани созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида мебошад.

Бояд зикр намуд, ки камбудии дигар дар соҳа ин ба таври лозима ҳамкорӣ накардани макомотҳои дахлдори давлатӣ бо мақомотҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба шумор меравад.

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо мақсади дастгирии мақомоти Агентӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба самти муносибатҳои меҳнатӣ, барои мусоидат ва ҳамкориҳои тарафайн аз номи Вазири меҳнат, муҳоҷират ва

шуғли аҳолӣ унвонии Раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мактуб аз 4 сентябри соли 2014, №16/1838 ва унвонии Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактуб аз 16 октябри соли 2014, №16/2192 ирсол намуд.

Бо мақсади такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи меҳнат ва шарикии иҷтимоӣ дар соли 2014 аз тарафи мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ як қатор таклифу пешниҳодҳо дода шуд. Дар соли ҷорӣ дар ҳамкорӣ бо Раёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур таҳия ва қабул гардиданд.

Аз ҷумла:

- ҚҲҶТ аз 4 марти соли 2014, №169 ”Дар бораи Руйхати корҳои шароиташон зараровар ва хатарнок, ки ба истифодаи меҳнати ашхоси аз 18-сола хурд иҷозат дода намешавад ва ҳадди меъёрҳо ҳангоми дастӣ бардоштан ва кашонидани борҳо”;
- ҚҲҶТ аз 17 апрели соли 2014, №230 ”Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани аттестасияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат”;
- ҚҲҶТ аз 5 июли соли 2014, № 462 ”Дар бораи Тартиби гузаронидани тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ”;
- ҚҲҶТ ”Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳо ва меъёрҳои ба кормандон додани шир, хӯроки табобатию профилактикӣ, либоси махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати коллективӣ, биноҳои санитарию маишӣ ва дастгоҳу таҷҳизот аз ҳисоби маблағҳои корфармо” аз 5 июли соли 2014, № 462
- ҚҲҶТ аз 21 октябри соли 2014, № 661 ”Дар бораи Тартиби аз ҷониби корфармо ҷуброн гардидани зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти кормандон”
- ҚҲҶТ аз 31 октябри соли 2014, № 690 ”Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020”.

**Инчунин лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- “Дар бораи лоиҳаи барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба Меҳнати арзанда барои солҳои 2015 – 2017;
- “Дар бораи маъқул донистани Созишномаи генералии байниҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017” дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Мақсади таҳия ва қабули қарорҳои зикршуда фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ, пешгирӣ намудани таваккалҳои касбӣ дар итеҳсолот ва дигар ҳуқуқҳои шаҳрвандон оид ба муносибатҳои меҳнатӣ дар ташкилоту корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Зеро бо қабул гардидани қарорҳо талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат, муҳофизати ҳаёт ва саломатии кормандон дар муносибатҳои меҳнатӣ таъмин карда мешавад.

Айни замон аз ҷониби сохторҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, дар ҳамкорӣ бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тавзеҳ додани қарорҳои болозикр корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуда, назорати иҷрои он аз ҷониби сохторҳои Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ амалӣ шуда истодааст.

Барои пешрафти босамари самти мазкур Агентӣ пешниҳод менамояд, ки масъалаҳои муносибатҳои меҳнатӣ низ дар Кумитаҳои ҳамоҳангсози мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ситодҳои доимоамалкунандаи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо баррасӣ карда шаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ дар самти ҳифзи меҳнат 137 адад мактуб ворид гардидааст, ки аз инҳо 112 адад аз мақомоти Агентӣ ва аз Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳо бошад 25 ададро ташкил медиҳанд, ки дар мӯҳлати муқарраргардида баррасӣ карда шудаанд.

Агентӣ маълумотҳоро оиди музди меҳнат, қарздори аз пардохти музди меҳнат (қарздорӣ аз соҳаҳои буҷетӣ), шумораи корхонаҳо, шумораи коргарон, шумораи созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида ва маълумотро оид ба ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот дар раёсат, шӯъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ба ҳолати 30-уми декабри соли 2014 ҷамъоварӣ намуд.

**Фаъолият дар самти музди меҳнат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ:**

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** музди миёнаи меҳнат ба 1 корманд ба ҳолати 30 декабри соли 2014, 676 сомонӣ мебошад ва он нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли 2013 (574 сомонӣ буд) 12% зиёд шудааст. Музди меҳнати кормандон дар соҳаҳои тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 826 сомонӣ, маориф 519 сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 635 сомонӣ, мақомоти идоракунӣ 828 сомониро ташкил дода нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан ба 131,8 фоиз, 121,8 фоиз, 112,8 фоиз ва 101,4 фоиз баланд гардидаанд.

Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ музди миёнаи маоши нисбатан баланд дар шаҳри Хоруғ 767 сомонӣ, ноҳияҳои Мурғоб ва Ишкошим 884 сомониро ташкил дода, дар дигар ноҳияҳо музди миёнаи меҳнат аз нишондиҳандаи вилоятӣ кам буда, музди камтарин дар ноҳияи Шуғнон 476 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб ин сари вақт пардохт нашудани музди меҳнат мебошад. Қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат бошад ба ҳолати 30 декабри соли 2014 – 499,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли 2013 (514,3 ҳазор сомонӣ буд) 14,9 ҳазор сомонӣ кам шудааст. Қарздории асосӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ-хоҷагии ҷангалӣ вилоят 57,8 ҳазор сомонӣ, соҳаи буҷавӣ 28,8 ҳазор сомонӣ буда, 29,0 ҳазор сомонӣ ғайри буҷавӣ мебошад.

Қарзи музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ-57,8 ҳазор сомонӣ, Дарвоз-356,3 ҳазор сомонӣ, Ванҷ-5,9 ҳазор сомонӣ, Рӯшон-10,8 ҳазор сомонӣ,

Шуғнон-4,9 ҳазор сомонӣ, Рошткаъла-12,9 ҳазор сомонӣ, Ишкошим-22,1 ҳазор сомонӣ ва Мурғоб-27,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар ҳудуди вилоят мувофиқи маълумотҳо дар соли ҷорӣ 22298 нафар коргар ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2013, (19966 нафар буд) 11,7% зиёд шудааст. Аз ин шумора айни замон 22616 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъмин мебошанд, соли 2013 бошад 21830 нафар коргар бо кор таъмин буданд, яъне 3,6% зиёд шудааст.

Тибқи маълумотҳои Раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои **вилояти Суғд** музди миёнаи маош дар моҳҳои январ-декабри соли 2014 дар миқёси вилоят 635,9 сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2013(541,2 сомонӣ) 94,7 сомонӣ зиёд мебошад.

Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ музди миёнаи маоши нисбатан баланд дар шаҳру ноҳияҳои Қайроққум 1262,94 сомонӣ, Хуҷанд 973,80, Панҷакент 843,22, Айнӣ 720,07, Чкалов 738,86, Бобоҷон Ғафуров 715,44 ва Истиқлол 700,70 сомонӣ ба назар мерасад.

Дар дигар шаҳру ноҳияҳо бошад музди миёнаи меҳнат аз нишондиҳандаи вилоятӣ кам буда, музди камтарин дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 210,14 сомониро ташкил додааст.

Қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат бошад дар давраи ҳисоботӣ соли 2014 - 11971,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 1 январи соли 2014, ки 15195,1 ҳазор сомониро ташкил медод, 3223,3 ҳазор сомонӣ кам шудааст.

Қарзи музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод - 1215,6 ҳазор сомонӣ, Қайроққум – 5435,6; Чкалов-995,7; Мастчоҳ-291,7; Ашт-412,8; Панҷакент-706,9; Ҷаббор Расулов-602,0; Исфара-563,6; Конибодом- 252,8; Ғончӣ-135,0; Истаравшан -636,8; Хуҷанд- 541,4; Спитамен-175,8 ва Истиқлол-6,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон қарз аз музди меҳнат вуҷуд надорад.

Қарздории музди меҳнат асосан дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ – 3301,7 ҳазор сомонӣ; саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо-3319,9; саноати коркард- 914,5; нерӯи барқ, газ ва обтаъминкунӣ-4072,5; сохтмон-22,7; дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ-340,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Қарздории музди меҳнат нисбати оғози соли 2014 дар шаҳру ноҳияҳои Ашт-204,9 ҳазор сомонӣ, Ғончӣ-6,1, Истиқлол-46,9, Истаравшан-1710,6, Исфара-108,7, Мастчоҳ-982,9, Панҷакент-204,3, Хуҷанд-854,1 ва Ҷ.Расулов-79,6 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

Мувофиқи маълумотҳо дар ҳудуди вилояти Суғд дар давраи ҳисоботи шумораи кормандони рӯйхатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 401237 нафарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта (392967) 8270 нафар зиёд шудааст, ки 2,1 фоизро ташкил менамояд.

Шумораи кормандони воқеъӣ дар вилоят 217256 нафарро ташкил дода, нисбати хамин давраи соли гузашта (216790) 466 нафар, 0,2 фоиз зиёд гардидааст.

Шумораи кормандони воқеъӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров-1265, Ғончӣ-530, Истиқлол-19, Исфара-1074, Конибодом-1566, К.Мастчоҳ-96, Қайроққум-227, Спитамен-281 ва Чкалов-58 нафар кам шудааст.

Камшавии шумораи воқеъии кормандон дар соҳаҳои моҳипарварӣ-1 нафар, саноати коркард-220, нерӯи барқ, газ ва обтаъминкунӣ-545, сохтмон-

25, савдои яклухт-6, таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ-25, нақлиёт, ва алоқа-348, почта ва алоқа-44 нафар ба назар мерасад.

Мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои **вилояти Хатлон** музди миёнаи маош дар моҳҳои январ-декабри соли 2014 -616,5 сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2013-131 сомонӣ зиёд мебошад. Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ музди миёнаи маоши нисбатан баланд дар шаҳру ноҳияҳои Норак-1350,3 сомонӣ, Данғара-956,3, Ховалинг-935,2 Сарбанд-915,6, Қурғонтеппа - 883,9, Ёвон-739,1, Кӯлоб-711,3, Шуробод-642,4 ва Қумсангир-638,0 сомонӣ ба назар мерасад.

Дар дигар шаҳру ноҳияҳо бошад музди миёнаи маоши моҳона аз нишондиҳандаи вилоятӣ кам буда, музди камтарин дар ноҳияи Темурмалик-373,4 сомониро ташкил медиҳад.

Гарчанде масъалаи рафъи қарзи ҷойдоштаи музди меҳнат ва сабабҳои пайдоиши он дар ташкилоту муассисаҳои вилоят мунтазам бошад ҳам, мавриди баррасӣ гардида, иҷрои «Нақша чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи ислоҳоти музди меҳнат дар вилояти Хатлон барои солҳои 2008-2016» таҳти назорати доимии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон қарор дошта бошад ҳам, қарздори музди меҳнат дар вилоят ба давраи ҳисоботии соли ҷорӣ-12757,0 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли гузашта, ки-3699,5 ҳазор сомониро дар бар мегирифт 9057,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Аз маблағи умумии қарздорӣ 66,2 ҳазор сомонӣ ба соҳаҳои буҷетӣ, 98,2 ҳазор сомони ба соҳаи кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ, 1463,2 ҳазор сомонӣ ба соҳаи саноати коркард, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо, 10972,4 ҳазор сомонӣ ба соҳаи неруи барқ, газ ва идораи хоҷагии таъминоти об, 9,8 ҳазор сомонӣ ба соҳаи нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа, 87,0 ҳазор сомонӣ ба дигар хизматҳои коммуналӣ ва иҷтимоӣ, 48,5 ҳазор сомонӣ ба соҳаи фарҳанг ва 77,8 ҳазор сомонӣ ба корхонаҳои шахсӣ рост меояд.

Дар вилоят мувофиқи маълумотҳо дар давраи ҳисоботии соли равон 394260 нафар коргар ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2013-(387278 нафар), 1,8% зиёд гардидааст. Аз ин шумора айни замон 176783 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли гузашта 4,4% кам шудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар **шаҳри Душанбе** музди миёнаи меҳнат ба як корманд, 1423,2 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (1311,5 сомонӣ буд) 8,5% зиёд мебошад. Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ музди миёнаи меҳнат нисбатан баланд дар ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ 2011,6 сомонӣ, Шоҳмансур 1614,3 сомониро ташкил дода дар ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Сино бошад, музди миёнаи меҳнат аз нишондиҳандаи шаҳрӣ кам мебошад.

Дар шаҳри Душанбе қарздории музди меҳнат дар давраи ҳисоботӣ, 11009,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта (1550,0 ҳазор сомонӣ), 9459,0 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Дар шаҳр қарздории музди меҳнат 10328,2 ҳазор ба соҳаи барқ ва 681 ҳазор сомонӣ ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Шумораи умумии коргарон дар давраи ҳисоботии соли равон 148813 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 4,5% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 139475 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-2,7% зиёд мебошад.

Дар **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** музди миёнаи моҳона ба як коргар, 713,1 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта (593,7 сомонӣ буд) 20,1% зиёд мебошад.

Қарздории музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давраи ҳисоботии соли ҷорӣ 5510,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта ( 4019,0 ҳазор сомонӣ буд) 1491,4 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Шумораи умумии коргарон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давраи ҳисоботии соли равон 111076 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта, ки 107667 нафарро ташкил медод 3,2% зиёд шудааст. Аз ин шумора айни замон 96527 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-0,2% кам гардидааст.

**Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

Дар **шаҳри Турсунзода** музди миёнаи меҳнат ба як коргар дар давраи ҳисоботии соли равон 791,7 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (811,9сомонӣ буд) 20,2 сомонӣ (2,5 %) кам гардидааст.

Қарздории музди меҳнат дар шаҳр дар давраи ҳисоботи 1079,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (1246,8 ҳазор сомонӣ буд) 167,8 ҳазор сомонӣ кам шудааст.

Шумораи умумии коргарон дар соли равон 25000 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 9,6% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 21300 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-5,8% кам шудааст.

Дар **шаҳри Роғун** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботии соли 2014, ба як коргар 1770,5, сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта (1330 сомонӣ буд) 33% зиёд мебошад.

Қарздории музди меҳнат дар давраи ҳисоботи 223 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Шумораи умумии коргарон дар давраи ҳисоботии соли равон 8060 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта(7147 нафар буд) 12,8% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 6339 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-3,4% кам мебошад.

Дар **шаҳри Ваҳдат** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат 684,0 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2013, (543,8 сомонӣ буд), 25,8% зиёд гардидааст. Қарздории музди меҳнат дар давраи ҳисоботии соли ҷорӣ 1053,4 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 488,6 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст.

Шумораи умумии коргарон дар шаҳр 15306 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта бетағйр мондааст. Аз ин шумора айни замон 13263 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-0,7% кам мебошад.

Дар **ноҳияи Рӯдакӣ** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат, ба як коргар 690,8 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин

давраи соли гузашта, ки 581,6 сомониро ташкил медод, 109,2 сомонӣ зиёд гардидааст. Қарздории музди меҳнат дар давраи ҳисоботии соли ҷорӣ 553,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ҳамин давраи ҳисоботии соли 2013 ки 94,0 ҳазор сомонӣ буд 459,6 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Шумораи умумии коргарон дар давраи ҳисоботии соли равон 15295 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 7,7% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 14998 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-4,4% зиёд мебошад.

Дар **ноҳияи Рашт** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат, ба як коргар 474,5 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14 сомонӣ зиёд гардидааст.

Қарздории музди меҳнат дар соли равон 1067,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 444,0 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Шумораи умумии коргарон дар соли равон 5892 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 0,4% зиёд гаридааст. Айни замон ҳамаи онҳо дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд.

Дар **ноҳияи Ҳисор** музди миёнаи меҳнат ба як коргар 615,7 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (551 сомонӣ буд) 64,7сомонӣ зиёд гардидааст. Қарздории музди меҳнат дар ноҳия 634,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45,4 ҳазор сомони зиёд гардидааст.

Шумораи умумии коргарон дар давраи ҳисоботии соли равон 17240 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 8,6% кам гаридааст. Аз ин шумора айни замон 13044 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-0,2% кам мебошад.

Дар **ноҳияи Тавилдара** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботии соли 2014, 584,6 сомониро ташкил медиҳад ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 74,2 сомонӣ зиёд гардидааст. Қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат дар ноҳия ба қайд гирифта нашудааст.

Шумораи умумии коргарон 1489 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 14,8% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 1489 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-14,8% зиёд мебошад.

Дар **ноҳияи Тоҷикобод** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат 574 сомониро ташкил медиҳад. Қарздории музди меҳнат дар соли равон ба қайд гирифта нашудааст.

Шумораи умумии коргарон 1821 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 0,2% кам гаридааст. Аз ин шумора айни замон 1821 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-0,2% кам мебошад.

Дар **ноҳияи Нуробод** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботии соли 2014, ба як коргар 625 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ки 511 сомониро ташкил медод, 114 сомонӣ зиёд гардидааст. Дар ноҳия қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат 23,1 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи умумии коргарон дар давраи ҳисоботии соли равон 2524 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 7,6% зиёд гаридааст.

Аз ин шумора айни замон 2521 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-7,6% зиёд мебошад.

Дар **ноҳияи Варзоб** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат 717 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли 2013, ки 573 сомониро ташкил медод 25,2% зиёд шудааст. Қарздории музди меҳнат дар ноҳия 33,0 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин ба соҳаҳои буҷетӣ таалуқ дорад.

Шумораи умумии коргарон 3473 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 4,2% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 3473 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-4,2% зиёд мебошад.

Дар **ноҳияи Шаҳринав** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботии соли 2014, ба як коргар 585 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (432 сомонӣ) 35,4% зиёд шудааст. Қарздории музди меҳнат дар ноҳия дар давраи ҳисоботии соли равон 702,9 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи умумии коргарон дар соли равон 7000 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 6,8% зиёд гаридааст. Аз ин шумора айни замон 5099 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-1,4% кам мебошад.

Дар **ноҳияи Ҷиргатол** тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботии соли 2014, ба як коргар 566.5 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,2% зиёд гаштааст. Қарздории музди меҳнат дар ноҳия дар давраи ҳисоботии соли 2014 140,0 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи умумии коргарон 2686 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 2,2% кам гаридааст.

Дар **ноҳияи Файзобод** музди миёнаи меҳнат 591 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23,2% зиёд гаштааст. Қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат дар давраи ҳисоботии соли 2014 ба қайд гирифта нашудааст.

Шумораи умумии коргарон 5236 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли гузашта 1,5% кам гаридааст. Аз ин шумора айни замон 4325 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо бо кор таъминанд, ки нисбати соли 2013-1,3% зиёд мебошад.

Ҳамин тавр тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар ҷумҳурӣ музди миёнаи меҳнат ба як корманд дар давраи ҳисоботӣ 813 сомонӣ мебошад ва он нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 (701,6 сомонӣ буд) 16,0% зиёд шудааст.

**Қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат бошад дар давраи ҳисоботӣ 41747,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли гузашта, ( 24978,1 ҳазор сомонӣ буд) 16769,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.**

**Бояд қайд намуд, ки қарздории музди меҳнат аз соҳаҳои буҷетӣ 350,5 ҳазор сомониро ташкил дода, 41397,1 ҳазор сомонӣ ба соҳаҳои ғайри буҷетӣ рост меояд.**

Дар ҷумҳурӣ мувофиқи маълумотҳо дар соли ҷорӣ 1078002 нафар коргар ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2013, (1052200 нафар буд) 2,4% зиёд шудааст. Аз ин шумора айни замон 652339 нафарашон дар корхонаву ташкилотҳо ва бо кор таъмин мебошанд, соли 2013 бошад, 654212 нафар

коргар бо кор таъмин буданд, яъне ин нишондиҳанда 0,3% кам шудааст. Аз теъдоди умумии 1078002 дар корҳои мавсимӣ 425663 нафар машғул мебошад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ даромади пулии аҳолӣ дар давраи ҳисоботӣ аз рӯи маълумотҳои пешакӣ 17655,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 12,4 фоиз зиёд шудааст. Хароҷоти пулӣ ва амонатҳои аҳолӣ дар ин давра 24389,5 млн. сомониро ташкил карда барои хариди молҳо ва пардохти хизматрасонии аҳолӣ 48,9 фоиз ва пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳаққи узвияти ихтиёрӣ, мутаносибан 22,3 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти пулӣ ва амонатҳоро сарф шудааст.

Даромадии дар ихтиёр доштаи аҳолӣ дар давраи ҳисоботии соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 - 9,7 фоиз зиёд гардидааст.

Музди меҳнати камтарин дар ин давра дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кормандони кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ – 290, 1 сомонӣ ва моҳипарварӣ -453,7 ташкил дод.

Музди меҳнати баланд дар бахши воқеии иқтисодиёт дар сохтмон -2261,9 сомонӣ, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо -1806,8 сомонӣ, нерӯи барқ, газ ва таъминоти об -1425,9 мебошад.

**Дар самти ҳифзи меҳнат ва шарикии иҷтимоӣ**

Дар Ҷумҳурӣ таи давраи ҳисоботи шумораи умумии корхона, ташкилот ва муассисаҳо 83262 ададро ташкил мекунанд, ки аз ин 72813 адади он корҳонаҳои мамлкунанда ба шумор меравад. Аз ин шумора 28921 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумотҳои Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 11.12.2014 шумораи ташкилоту корхонаҳои бақайдгирифташуда ва фаъолияткунанда 31876 адад, 370 адад филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 94967 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.

Теъдоди умумии созишномаҳои баимзорасида ва шартномаҳои коллективӣ бошад ба 28921 адад (40 фоиз аз шумораи умумии корхонаҳои фаъолияткунанда) ва нисбати моҳи гузашта (26320 адад) 2601 адад зиёд гардидааст.

Аз шумораи умумии созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида ба соҳаи саноат 507 адад созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, сохтмон 384 адад, нақлиёт ва роҳ 193 адад, савдо ва хӯроки умумӣ 758 адад, хизматрасонии маишӣ 289 адад, хоҷагии қишлоқ 19961 адад, геология ва ҷустуҷуии геологӣ 11 адад, тандурустӣ 645 адад, маориф ва варзиш 3329 адад, соҳаи фарҳанг ва санъат 261 адад, дар соҳаи илм ва хизматрасонии илмӣ 146 адад, қарз ва суғурта 261 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ 193 адад, мақомотҳои идоракунии давлатӣ 757 адад, хоҷагии манзилии комуналӣ 14 адад ва дигар соҳаҳо 1213 адад рост меояд.

Дар **Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳи** шумораи умумии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ба қайд гирифта шуда ба 1275 адад расидааст, ки аз ин 1001-тои он айни замон фаолият мекунанд, ва шумораи корхонаҳои айни замон фаъолияткунанда 24 адад зиёд гардидааст.

Теъдоди умумии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективии баимзорасида бошад, 885 адад (88 %)-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективии баимзорасида ба соҳаи саноат 17 созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, сохтмон 18 адад, нақлиёт ва роҳ 18 адад, савдо ва хӯроки умумӣ 15 адад, хизматрасонии маишӣ 4 адад, хоҷагии қишлоқ 76 адад,

тандурустӣ 67 адад, маориф ва варзиш 293 адад, фарҳанг ва санъат 18 адад, илм ва хизматрасонии илмӣ 2 адад, соҳаи бонки ва суғурта 30 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ 11 адад, мақомоти идоракунӣ 50 адад ва дигар соҳаҳо 268 адад созишнома ва шартномаҳои коллективии басташуда рост меояд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Раёсат, шӯъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар **вилояти Суғд** шумораи умумии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳое, ки дар онҳо зиёда аз 3 нафар кормандон фаъолият менамоянд 5778 мебошанд. Аз шумораи умумии онҳо 3376 адад (58%) созишнома ва шартномаҳои коллективӣ расман ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида бо соҳҳои саноат 184 созишнома ва шартномаҳои коллективии баимзорасида, сохтмон 102 адад, нақлиёт ва роҳ 73 адад, соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ 97 адад, хизматрасонии маишӣ 50 адад, хоҷагиҳои деҳқонӣ 1369 адад, соҳаи геология ва корҳои ҷустаҷӯии геологӣ ҳамагӣ 2 адад, тандурустӣ 166 адад, маориф ва варзиш 811 адад, фарҳанг ва саноат 45 адад, илм ва хизматрасонии илмӣ 11 адад , қарз ва суғурта 77 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ 26 адад, мақомоти идоракунӣ 179 адад, хоҷагии манзилии коммуналӣ 14 адад ва дигар соҳаҳо 170 адад созишномаҳои соҳавӣ ва шартномаҳои коллективии баимзо расида шудааст.

Дар **вилояти Хатлон** тибқи маълумотҳо дар давраи ҳисоботии соли ҷорӣ шумораи умумии корхонаҳо 43987 адад ба қайд гирифта шудааст. Теъдоди умумии созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида дар вилоят 19347 адад (44%)-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод нисбати моҳи августи соли ҷорӣ, ки 13592 ададро ташкил медод 5755 адад зиёд гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи умумии созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида ба соҳаҳо дар чунин сатҳ қарор дорад: Дар соҳаи саноат 222 созишнома ва шартномаҳои коллективии баимзорасида, сохтмон 158 адад, соҳаи нақлиёт ва роҳ 60 адад, савдо ва хӯроки умумӣ 426 адад, соҳаи хизматрасонии маишӣ 129 адад, хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ 15892 адад, геология ва корҳои ҷустуҷӯи 4 адад, тандурустӣ 258 адад, маориф ва варзиш 1189 адад, фарҳанг ва санъат 156 адад, илм ва хизматрасонии илмӣ 1 адад, соҳаи бонк ва суғурта 98 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ 49 адад, мақомоти идоракунӣ 427 адад ва дигар соҳаҳо 278 адад.

Дар **шаҳри Душанбе** шумораи умумии корхонаҳо ташкилот ва муассисаҳо ҳамагӣ 5254 адад ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати моҳи ноябри ҳамин сол, ки 5228-ро ташкил медод 26 адад зиёд гардидааст.

Теъдоди умумии созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида бошад 557 адад (11%)-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбати давраи ҳисоботии моҳи гузашта, ки 418 ададро ташкил медод 139 адад зиёд гардидааст. Аз микдори умумии созишномаҳои баимзорасида ва шартномаҳои коллективии басташуда ба соҳаи саноат 29 адад, сохтмон 12 адад, нақлиёт, алоқа ва роҳ 10 адад, савдо ва хӯроки умумӣ 24 адад, хизматрасонии маишӣ 16 адад, геология ва корҳои ҷустаҷӯии геологӣ 1 адад, соҳаи тандурустӣ 58 адад, маориф ва варзиш 199 адад, фарҳанг ва санъат 21 адад, соҳаи илм ва хизматрасонии илмӣ 1 адад, соҳаи қарз ва суғурта 7 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ 5 адад, мақомоти идоракунӣ 5 адад ва дигар соҳаҳо 169 адади он рост меояд.

Дар **шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** дар давраи ҳисобатии соли ҷорӣ шумораи умумии корхонаҳо ҳамагӣ 18398 адад ба қайд гирифта шуда, аз ин 16793 адад айни замон фаъолият карда истодаанд, ки нисбати моҳи ноябри ҳамин сол, ки 17421-ро ташкил медод 977 адад зиёд гардид. Дар НТҶ теъдоди умумии созишномаҳои басташуда ва шартномаҳои коллективии баимзорасида бошад 4756 ададро ташкил медиҳад, ки ин нисбати давраи ҳисоботии моҳи гузашта, ки 4731 ададро ташкил медод 25 адад зиёд гардидааст.

Таи ин давра дар соҳаҳои саноат 55 созишнома ва шартномаҳо, сохтмон 94 адад, нақлиёт, алоқа ва роҳ 32 адад, савдо ва хӯроки умумӣ 196 адад, хизматрасонии маишӣ 90 адад, хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ 2624 адад, соҳаи геология ва корҳои ҷустаҷӯии геологӣ 4 адад, тандурустӣ 96 адад, маориф ва варзиш 837 адад, фарҳанг ва саноат 21 адад, илм, хизматрасонии илмӣ 132, қарз ва суғурта 48 адад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ 102 адад, мақомоти идоракунӣ 96 адад ва дигар соҳаҳо 328 ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи маълумотҳои дастрасшуда теъдоди ҳодисаҳои нохуш дар ҷумҳурӣ ба 72 адад расидааст, ки аз ин 32 ҳодиса дар вилояти Суғд,16 ҳодиса Хатлон, 1 ҳодиса дар ВМКБ, 7 ҳодиса дар шаҳри Душанбе, 16 адад дар ШНТҶ рост меояд. Аз шумораи умумии ин ҳодисаҳо 32 ададаш ба фавти коргарон ва 40 адади дигар бо бардоштани ҷароҳати ҷисмонӣ оварда расонидааст ва маблағи ҷуброни ин ҳодисаҳо 169831 сомониро ташкил медиҳад.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кормандон дар ташкилоту корхонаҳо аз ҳодисаҳои нохуш ҚҲҶТ аз 5 июли соли 2014, №462 ”Дар бораи Тартиби гузаронидани тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ” кабул гардидааст, ки назорати иҷрои ин тартиб аз тарафи кормандони Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар давраи ҳисоботӣ фаъолиятро дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 №704), Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 №277), Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2012 №1030) ва Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №19) роҳандозӣ намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо аз қабили татбиқи сиёсати фаъол бо мақсади таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнати арзанда, таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоии шаҳрвандон ҳангоми бекорӣ, дастгирии табақаҳои дар бозори меҳнат осебпазир, ҷалби теъдоди ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба шуғл ва ба ин васила коҳиш додани сатҳи бекорию баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ба натиҷаҳои муайян ноил гардид.

Дар соли 2014 Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ тавассути тадриҷан дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ тибқи ҳуҷҷатҳои консептуалии соҳа, дастуру супоришҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 ва роҳандозии хизматрасонии муосир, дар таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа ва миёнаравӣ дар бозори меҳнат натиҷаҳои назаррас ба даст овард.

Дар давраи мадди назар бо назардошти таҷдиди сохтори идораи давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014, №391 "Дар бораи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ" низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунӣ ва номгӯи ташкилотҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ тасдиқ гардид.

Бо мақсади беҳдошти раванди таълими касбӣ, таъмини низоми ягонаи фаъолият дар ин самт ва ҷорӣ намудани механизми роҳбаладии ҳар як таҳсилгиранда дар муассисаҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ:

- Фармоиши директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз 25 феврали соли 2014, №7 "Дар бораи таъсис додани Шурои методии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ";
- Фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №16 "Дар бораи таъсис додани Гуруҳи корӣ ҷиҳати таҳияи нақша ва барномаҳои таълимии касбӣ";
- Фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели 2014, № 66 «Дар бораи тасдиқи Дастурамал дар бораи ба тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифтани шаҳрвандон тавассути худмаблағгузорӣ»;
- Фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели 2014, № 67 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ»;
- Фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни 2014, №18 «Дар бораи истифода намудани маблағҳои бадастомада аз тайёрии касбӣ тавассути худмаблағгузорӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон» ба тасвиб расиданд ва бо мақсади тарғиб ва дастрас намудани ин санадҳо таърихи 7 сентябри соли 2014 ҷаласаи Ситоди Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ оид ба тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таълимии системаи Агентӣ баргузор гардид.

Дар ҳамин замина ва дар натиҷаи тадбирҳои андешида дар соли 2014 аз рӯи 6 самти асосӣ: 1) таъсиси ҷойҳои нави корӣ; 2) миёнаравӣ дар бозори меҳнат; 3) тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон; 4) дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон; 5) ташкили корҳои ҷамъиятии музднок ва 6) таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои давраи бекорӣ иҷрои нишондиҳандаҳои барнома ба андозаи 123,7 фоиз таъмин карда шуд.

**Дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 112634 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 72409 нафари онҳо ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба 51248 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ**

**38911нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 2635 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 3751 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси 201 шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 4685 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 18226 нафар аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома дар марказҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 8464 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 моҳ кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 251570 ҷойҳои кории нав таъсис дода шуд. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ин давра 685 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 5050 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 5346 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 1856 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 12252 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд. Тайи давраи ҳисоботӣ инчунин ба 27970 нафар шаҳрвандон хизматрасонӣ дар самти роҳнамоии касбӣ анҷом дода шуд.**

**Ҳамин тавр, дар соли 2014 аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар маҷмуъ ба 181146 нафар шаҳрвандон хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом дода шуд.**

**Вазъи феълии шуғлнокӣ.** Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи қувваи корӣ аз рӯи баҳои пешакӣ, дар моҳи октябри соли 2014-ум 2294,6 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ҷумлаи онҳо 2237,8 ҳазор нафар (97,5 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 56,8 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ доранд, ки 2,5 фоизи қувваҳои кориро ташкил медиҳад. Таҳлили нишондиҳандаҳои бозори меҳнат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тайи солҳои охир шумораи аҳолии машғули кор дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ тамоюли устувори афзоишро касб намудааст. Муқоисаи тағйирёбии шумораи аҳолии машғули кор дар моҳҳои октябри соли 2013 ва 2014 нишон медиҳад, ки афзоиши он ба 30,1 ҳазор нафар, ё 1,4 фоиз баробар шудааст.

Агар дар моҳи октябри соли 2013 шумораи аҳолии машғули кор 2207,7 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас ин шумора дар моҳи октябри соли 2014-ум то 2237,8 ҳазор нафар афзудааст.

Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама намуди моликият дар моҳи октябри соли 2014-ум 1089,4 ҳазор нафар ё 48,7 фоиз шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод.

Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар моҳи октябри соли 2014 нисбат ба ҳамин давраи соли 2013-ум 2,8 фоиз зиёд шудааст.

Ҳамзамон бо ин, шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар бахши воқеии иқтисод дар моҳи октябри соли 2014 нисбат ба ҳамин давраи соли 2013-ум 1,5 фоиз зиёд шуда, 617,2 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад, ин нишондиҳанда дар ҳамин давра 4,7 фоиз зиёд шуда, 472,2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Тавре маълум аст, дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ғайр аз кормандони расмӣ қувваи корӣ дар шароити дуҷоякорӣ ва дар асоси

қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқи дошта низ истифода бурда мешавад.

Дар моҳи октябри соли 2014 дар ин шароит 42,2 ҳазор нафар шаҳрвандон машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда ба 3,9 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи корӣ рост меояд.

Теъдоди кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордод дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ кор мекунанд аз 42,2 ҳазор нафар кор кард, ки ин 3,9 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи кориро ташкил медиҳад.

Шумораи кормандони дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта коркунанда дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи октябри соли 2014-ум 11568 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ 30643 нафарро ташкил намуд.

Дар қайди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ охири моҳи октябри соли 2014-ум 84,7 ҳазор нафар  корҷӯён бо назардошти корҷӯёни соли 2013 мавҷуд аст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 фоиз зиёд мебошад. Танҳо дар моҳи октябри соли 2014 бошад, ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 4,3 ҳазор нафар корҷӯён барои пайдо кардани ҷойи кор муроҷиат намуданд, ки ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2013-ум 0,02 фоиз кам буда, 1,8 ҳазор нафар бекорон ба кор таъмин карда шудаанд.

Ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо дар охири моҳи октябри соли 2014-ум 11,7 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд. Аз рӯи касбҳои коргарӣ бошад, ин нишондиҳанда 9,9 фоиз кам шуда, 6,0 ҳазор ҷойро ташкил намуд (51,5 фоизи шумораи умумии ҷойҳои кории холӣ). Талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 7,2 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2013-ум 6,6 нафарро ташкил медод.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.** Тибқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 дар миқёси ҷумҳурӣ бояд 138378 ҷойҳои корӣ таъсис дода шавад.

Дар соли 2014 бо назардошти дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 апрели соли 2014) аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар миқёси ҷумҳурӣ  251570 адад ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд, ки 181,8 фоизи нақшаи таъсиси ҷойҳои кориро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ВМКБ – 14280 ҷойи корӣ, вилояти Хатлон – 80369, Суғд –  69607, шаҳри Душанбе – 40400, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 46914 ҷойҳои нави кори таъсис дода шуд.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ дар соҳаи сохтмон - 44561, саноат - 11614, кишоварзӣ - 73905, нақлиёт ва алоқа - 7254, савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ - 67804, дигар соҳаҳо – 42035 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 4397 ҷойҳои корӣ ташкил карда шудаанд.

Таҳлили раванди таъсиси ҷойҳои корӣ нишон дод, ки дар ташкилоту корхонаҳои бахши давлатӣ дар ҳамин давра - 19208 ҷойҳои корӣ, бахши коллективӣ - 28531, дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият – 39260 ва дар сектори хусусӣ – 164571 ҷойҳои корӣ таъсис дода шудаанд. Тавре мушоҳида мешавад, аксари ҷойҳои кории таъсисдодашуда (65,4%) ба сектори хусусӣ рост меоянд.

Аз руи хусусият 33% (83029) ҷойҳои кории доимӣ, 33,7% (84910) ҷойҳои кории муваққатӣ ва 33,2% (83631) ҷойҳои кории мавсимӣ мебошанд. Дар маҷмӯъ ҷойҳои кории муваққатӣ ва мавсимӣ наздик 67%-ро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар айни замон хеле муҳим мебошад, зеро ин раванд омили асосӣ барои бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвадони корҷуй дар дохили мамлакат аст.

Аз ин хотир, ин масъала пайваста дар ҷаласаҳои кории кумитаҳои маҳаллии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо мавриди баррасӣ қарор дорад.

Аз ҷониби дигар, раванди таъсиси ҷойҳои корӣ ба ташкил кардани корхонаҳои саноатӣ ва коргоҳҳои нав дар миқёси ҷумҳурӣ вобаста мебошад ва тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2014, №566 “Дар бораи Нақшаи амал оид ба таъсиси корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014” бояд ин масъала зери назорат бошад.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 112634 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд.

Аз шумораи муроҷиатнамудагон 72409 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шуда, ба 51248 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 38911 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 112,1 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла тавассути ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) дар соли ҷорӣ 2635 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 100,0 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар буда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 26 нафар ё 1,0 % зиёд мебошад.

Аз ин теъдод 1198 нафарро (45,5%) занон ташкил медиҳанд, ки аз ҷумлаи онҳо 164 нафар маъюб мебошанд.

Тавассути ҷойҳои кории бандшуда дар ВМКБ - 259 нафар, вилоятҳои Суғд - 638 нафар, Хатлон - 832 нафар, шаҳри Душанбе - 364 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 542 нафар шаҳрвандони бекор тавассути квота ба кор таъмин гардиданд.

Таҳлили раванди бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои кории бандшуда нишон медиҳад, ки дар чунин ҷойҳои корӣ 164 нафарро маъюбон, 24 ятимони ноболиғ, 417 шахсони аз Қувваҳои Мусаллаҳ озодшуда, 130 шахсони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ ва муассисаҳои табобати маҷбурӣ ҷавобшуда, 413 нафарро волидони яккаву танҳо ва инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва маъюб доранд, 656 нафар волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд, 34 нафар шахсони то синни 18 сола, ки бо сабаби вафоти волидайнашон ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба ӯҳда доранд, 135 нафар шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст, 662 нафар шаҳрвандони то синни 18 сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Мушкилоти бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои кории бандшуда (тибқи квотаҳо) дар он аст, ки дар аксар мавридҳо корфармоён ҷонибдори ба кор қабул кардани чунин табабақаи осебпазир намебошанд ва муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009, №181 ”Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул қардани гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ” дар аксар ҳолатҳо таъмин карда намешавад.

Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки механизми мушаххаси ҳавасмандгардонии корфармоён барои ба кор қабул кардани гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад.

Дар фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз оғози соли ҷорӣ, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 685 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд.

Аз ҷумла, дар ВМКБ - 48 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд - 253, вилояти Хатлон - 281, шаҳри Душанбе -24 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 79 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо ба корҷӯён ба ҳисоби миёна ҳар моҳ аз 8 то 10 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 7205 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 5050 нафар (70%) бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Дар баробари ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 5346 нафар шаҳрвандон роҳхат барои касбомӯзӣ ва 1856 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 12252 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд, ки аз ин теъдод 1457 нафарро занон ва 1625 нафарро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. Дар моҳи декабри соли 2014 аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 10335 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд.

Аз ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда 2264 ба соҳаи саноат (музди миёнаи меҳнат 739 сомонӣ), 1210 ба соҳаи сохтмон (музди миёнаи меҳнат 864 сомонӣ), 717 ба соҳаи кишоварзӣ (музди миёнаи меҳнат 348 сомонӣ), 312 ба соҳаи нақлиёт ва алоқа (музди миёнаи меҳнат 668 сомонӣ), 1119 ба соҳаҳои маориф ва фарҳанг (музди миёнаи меҳнат 459 сомонӣ), 2326 ба соҳаи тандурустӣ (музди миёнаи меҳнат 437 сомонӣ), 167 ба соҳаи савдо ва хизмати маишӣ (музди миёнаи меҳнат 390 сомонӣ), 357 ба соҳаи манзилию коммуналӣ (музди миёнаи меҳнат 492 сомонӣ) ва 1863 ҷой ба дигар соҳаҳо (музди миёнаи меҳнат 622 сомонӣ) рост меояд.

Таҳлили таркибии ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 21,9 фоизи он ба соҳаи саноат, 11,7 фоиз ба соҳаи сохтмон, 6,9 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ, 3,0 фоиз ба соҳаи нақлиёт ва алоқа, 10,8 фоиз ба соҳаи маориф ва фарҳанг, 22,5 фоиз ба тандурустӣ ва 18,0 фоиз ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Мушкилоти ин самти фаъолият дар он аст, ки аз теъдоди умумии корхонаҳои фаъол дар ҷумҳурӣ танҳо 3 фоизи онҳо ҷойҳои кории холиро ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳод менамоянд. Илова ба ин муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Таҷикистон аз 2 апрели соли 2009, №205 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кории ишғолнагардида ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ" аз ҷониби корфармоён таъмин карда намешавад.

Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки масъалаи мазкур дар ҷаласаи Кумитаи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо иштироки Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон ва Иттифоқи касабаи мустақили Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**.

Дар соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба 3 751 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 12 миллиону 706 ҳазору 686 сомонӣ ё худ ба ҳар як нафар шаҳрванди бекор ба андозаи 84,7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо кӯмаки молиявӣ пардохт гардид, ки ин нишондод 121,0 фоизи иҷроиши нақшаи солонаи барномаро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, дар давраи мадди назар дар ВМКБ ба 651 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 1 миллиону 812 ҳазору 309 сомонӣ, вилояти Суғд ба 1035 нафар дар ҳаҷми 3 миллиону 272 ҳазору 530 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 1019 нафар шаҳрвандони бекор ба андозаи 3 миллиону 656 ҳазору 990 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 226 нафар ба маблағи 891 ҳазору 100 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 820 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 3 миллиону 073 ҳазору 757 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ кӯмаки молиявӣ пардохт гардид. Динамикаи ин раванд тайи солҳои 2008-2014 дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Диаграммаи 1.




Муқоисаи тамоюли мазкур нишон медиҳад, ки пардохти кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор тайи солҳои 2008 - 2014 аз 4 миллиону 638 ҳазору 063 сомонӣ то 12 миллиону 706 ҳазору 686 сомонӣ зиёд шудааст, ки суръати

афзоиши он дар ин давра ба 8 миллиону 068 ҳазору 633 сомонӣ баробар мебошад.

Агар дар соли 2008 барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як шаҳрванд 41,1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (1641 сомонӣ) кӯмаки молиявӣ пардохт шуда бошад, пас ин нишондод дар соли 2014 ба 84,7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё худ ба 3 388 сомонӣ расонида шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2008 - ум 43,6 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад. Тамоюли рушди ин раванд дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Диаграммаи 2.




Дар ҳамин радиф қайд намудан ҷоиз аст, ки шаҳрвандони бекор зимни бархурдор шудан аз кӯмакҳои молиявӣ асосан ба фаъолияти тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва истеҳсолот машғул мешаванд.

Аз ҷумла, тавассути мақомоти маҳалии Агентӣ барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 1797 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 6 миллиону 086 ҳазору 503 сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 1268 нафар ба андозаи 4 миллиону 294 ҳазору 860 сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад ба 686 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 2 миллиону 325 ҳазору 324 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт гардидааст.

Таҳлилӣ раванди дастгирии молиявии шаҳрвандони бекор нишон медиҳад, ки 47,9 фоиз ба фаъолияти истеҳсолӣ, 33,8 фоиз ба фаъолияти тиҷоратӣ ва 18,3 фоизи дигари ин шаҳрвандон бошанд ба фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғул мебошанд.

Дар ин самти фаъолият ба дастгирии ташаббуси соҳибкории занону ҷавонон низ аҳамият дода шуда, давоми соли равон ба 2 127 нафар занон дар ҳаҷми 7 миллиону 204 ҳазору 691 сомонӣ ва ба 1 410 нафар ҷавонони бекор барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ 4 миллиону 777 ҳазору 714 сомонӣ кӯмаки молиявӣ пардохт гардидааст (Диаграммаи 3).

Диаграммаи 3.




Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2008 аз ҳисоби занон 696 нафар ва аз ҳисоби ҷавонон 297 нафар зиёд мебошад.

Мусаллам аст, ки рушди соҳибкории хурду миёна на танҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ шароит фароҳам меорад, ҳамчунин системаи муносибатҳои бозоргониро ба миён оварда, ба ин васила ба паст гардидани шиддати бекорӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва некуаҳволии онҳо суръати тоза мебахшад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати маълум намудани самаранокӣ ва даромаднокии самти фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон мониторинги мақсаднок ва самарабахш истифода намудани қарзҳои имтиёзнок гузаронида шуд.

Бо ин мақсад интихобан фаъолияти соҳибкории 2326 нафар шаҳрвандони бекоре, ки аз кӯмакҳои молиявӣ бархурдор гардидаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.

Аз ҷумла, ҳолати истифодабарии кӯмакҳои молиявӣ ва даромаднокии фаъолияти соҳибкории 267 нафар шаҳрвандон дар ВМКБ, 770 нафар дар вилояти Суғд, 744 нафар дар вилояти Хатлон, 124 нафар дар шаҳри Душанбе ва 421 нафари дигар дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт.

Тибқи маводҳои коркардшуда маълум гардид, ки самаранокӣ ва даромаднокии фаъолияти соҳибкории шаҳрвандоне, ки тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ аз кӯмаки молиявӣ бархурдор гардидаанд **дар самти тиҷоратӣ** бо ҳисоби миёна дар як моҳ 305 сомонӣ, вилояти Суғд 447 сомонӣ, вилояти Хатлон 320 сомонӣ, шаҳри Душанбе 1 244 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад 426 сомониро ташкил медиҳад. **Дар самти хизматрасонӣ ба аҳолӣ** бошад даромаднокӣ дар ВМКБ ба 365 сомонӣ, вилояти Суғд ба 412 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 317 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 1 256 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, ин нишондод ба 404 сомонӣ баробар аст.

Дар **соҳаи истеҳсолот** бошад, ин нишондод дар ВМКБ 398 сомонӣ, вилояти Суғд 466 сомонӣ, вилояти Хатлон 364 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 488 сомониро ташкил медиҳад.

Муқоисаи тамоюли мазкур дар диаграммаи 4 оварда шудааст.

Диаграммаи 4.




Тавре аз нишондиҳанда бармеояд, даромаднокии фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон дар шаҳри Душанбе нисбати дигар шаҳру ноҳияҳои ҷуҳурӣ зиёдтар мебошад, ки ин ба шароити иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва вазъи демографӣ вобаста мебошад.

Омӯзиши ҳолати истифодабарии кӯмакҳои молиявии ба шаҳрвандони бекор пардохтгардида дар миқёси ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки даромаднокии фаъолияти соҳибкорӣ **дар самти тиҷоратӣ** дар як моҳ бо ҳисоби миёна 548 сомонӣ, **дар самти хизматрасонӣ ба аҳолӣ** 551 сомонӣ ва **дар соҳаи истеҳсолӣ** бошад 343 сомониро ташкил медиҳад. Ин раванд дар диаграммаи 5 ифода ёфтааст:

Диаграммаи 5.




Ҳамин тавр, натиҷаи омӯзиш ва таҳлили гузаронидашуда муайян намуд, ки даромаднокии шаҳрвандон аз фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳисоби миёна дар ВМКБ 356 сомонӣ, вилояти Суғд 441 сомонӣ, вилояти Хатлон 334 сомонӣ,

шаҳри Душанбе 833 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 440 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад. Муқоисаи ин раванд дар диаграммаи 6 оварда шудааст.

Диаграммаи 6.




Мувофиқи натиҷаҳои болозикр хулоса кардан мумкин аст, ки шаҳрвандони бекоре, ки тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз кӯмакҳои молиявӣ бархурдор гардидаанд, аз фаъолияти пешгирифтаашон мунтазам даромади дилхоҳ ба даст меоранд ва метавонанд, ки пас аз бозгардонидани қарз фаъолияти соҳибкорияшонро аз ҳисоби даромади бадастоварда мустақилона идома диҳанд.

Бояд қайд намуд, ки самаранокии истифодаи кӯмакҳои молиявии ба шахрвандони бекор пардохтшуда дар навбати худ ба саривақт бозгашт шудани ин қарзҳо вобаста мебошад, зеро аз ҳисоби маблағҳои бозгаштшуда ба дигар бекорон низ кӯмаки молиявӣ пардохт мешавад.

Бо мақсади тақвият, танзим ва таҳлили амиқи вазъи бозгашти кӯмакҳои молиявӣ, инчунин пешгирии ҳолати зиёдшави маблағҳои саривақт баргардониданашуда дар мақомоти шуғли аҳолӣ аз аввали соли ҷорӣ «Матрисаи бозгашти ҳаррӯзаи кӯмакҳои молиявӣ» дар миқёси ҷумҳурӣ бо тақсимоти шаҳру ноҳияҳо, ному насаби шаҳрванд, рӯзи бозгашт, андозаи маблағи бозгаштшаванда таҳия гардида, мавриди амал қарор гирифт.

Дар ин замина давоми соли 2014 аз ҷониби шаҳрвандон 12 миллиону 521 ҳазору 882 сомонӣ маблағ баргардонида шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2013 - ум (11 194 957) 1 миллиону 326 ҳазору 925 сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҷумла, тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ, 1 миллиону 973 ҳазору 962 сомонӣ, дар вилояти Суғд 3 миллиону 128 ҳазору 335 сомонӣ, вилояти Хатлон 3 миллиону 510 ҳазору 078 сомонӣ, шаҳри Душанбе 903 ҳазору 221 сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад 3 миллиону 006 ҳазору 286 сомонӣ кӯмакҳои молиявӣ баргадонида шуданд, ки ин 86,6 фоизи сандуқи қарзиро ташкил медиҳад. Динамикаи бозгашти кӯмакҳои молиявӣ тайи солҳои 2008 - 2014 дар диаграммаи 7 оварда шудааст.

Диаграммаи 7.




Тавре аз нишондодҳо бармеояд ҳолати зиёдшави маблағҳои саривақт баргардониданашуда дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешгирӣ шуда, айни замон ҳаҷми ин маблағҳо дар миқёси ҷумҳурӣ 101 571 сомонӣ ё худ 0,7 фоизи ҳаҷми умумии сандуқи қарзиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 (247 075), 145 504 сомонӣ кам гардидааст.

Новобаста аз ин, дар баъзе аз мақомоти маҳаллии меҳнат ва шуғли аҳолӣ раванди бозгашти саривақтии қарзҳои имтиёзнок то ҳол ташвишовар боқӣ мемонад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ҳаҷми маблағҳои саривақт бозгаштнашуда 31 ҳазору 700 сомонӣ, вилоятҳои Суғд 6 ҳазору 360 сомонӣ, Хатлон 30 ҳазору 112 сомонӣ, шаҳри Душанбе 23 ҳазору 482 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ 9 ҳазору 917 сомониро ташкил медиҳанд.

Бар самми ин, дар солҳои 2000 – 2002 аз ҷониби собиқ Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба корхонаҳо, ҳоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ба маблағи 26 ҳазору 808 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт шуда буд ва зиёда аз 12 сол аст, ки ин маблағҳо баргардонида нашудаанд.

Инчунин, тавассути мақомоти шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе низ ба 42 нафар иштирокчиёни садамаи Чернобил дар ҳаҷми 112 ҳазор сомонӣ, шуъбаи Агентӣ дар ноҳия Фирдавсӣ ба 23 нафар ба андозаи 66 ҳазор сомонӣ ва тавассути шуъбаи Агентӣ дар ноҳияи Шоҳмансур ба 6 нафар дар ҳаҷми 16 ҳазору 200 сомонӣ кӯмакҳои молиявӣ пардохт гардидааст, ки то ҳол баргардонида нашудаанд.

Бинобар ин, масъалаи бозгашти саривақтии маблағҳои пардохтшуда барои соҳибкорӣ то ҳол мушкилоти соҳа мебошад.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.**

Маълум аст, ки омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз омилҳои муассир дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ рушди бемайлони иқтисодии ҳар кишвар аз шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо иборат аст, ки ин дар навбати худ ба сатҳи малакаи касбии аҳолии шуғлнок ва истифодаи босамари ин малакаи касбӣ бевосита иртибот дорад.

Аз ин хотир аз оғози соли 2014 мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба масъалаҳои раванди тайёрии касбӣ, таъмини низоми ягонаи ин раванд, беҳдошти сифати таълими касбӣ, таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва барномаҳои таълимӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, дар ин самт корҳои назаррасе анҷом дода шуд.

Қабл аз ҳама, бо мақсади роҳандозӣ намудани низоми ягонаи таълими касбӣ дар марказҳои таълимии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар Шурои методии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз 17 июни соли 2014 номгӯи зиёда аз 40 барномаҳои таълимӣ ба тасвиб расид, ки айни замон ин барномаҳо мавриди истифода қарор доранд.

Бо назардошти он, ки соли 2014 аз ҷониби марказҳои таълимии системаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ соли "Сифати таълими касбӣ" эълон шуда буд, дар соли равон мониторинги сифати таълими касбӣ дар ин муассисаҳо мунтазам ба роҳ монда шуд.

Натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда нишон дод, ки раванди таълими касбӣ дар ин муассисаҳо мувофиқи барномаҳои таълимӣ ва талабот ба стандартҳои касбӣ ба роҳ монда шудааст ва дар ин хусус гузориши таҳлилӣ ба роҳбарияти Вазорат ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз 17 декабри соли 2014, №1.5.1/1185 манзур гардид.

Бо мақсади таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва барномавии муассисаҳои таълимӣ бошад, соли равон Агентӣ фаъолияти хуби ҳамкориҳоро бо шарикони рушд амалӣ намуд.

Феълан аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ барномаҳои ҳамкорӣ бо Дафтари намояндагии Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Созмони Байналхалқии Меҳнат, Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон (GIZ), Раёсати рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Туркия, Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони Байналмилалӣ Муҳоҷират, Бонки Рушди Осиё ва дигар созмону ташкилотҳои ғайридавлатии муқими Тоҷикистон тарҳрезиву мавриди татбиқ қарор доранд.

Аз ҷумла, дар доираи татбиқи лоиҳаи Бонки Рушди Осиё оид ба мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълими касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 марказҳои таълими калонсолони Тоҷикистон дастгирӣ меёбанд.

Илова ба ин, дар доираи татбиқи лоиҳаи хамкории техникӣ "Татбиқи стратегияи омӯзишии Гуруҳи 20" дастгирии марказҳои таълими касбии система ҷиҳати инкишофи маҳорати касбӣ барои гуногунсозии тиҷорат ва иқтисод низ амалӣ шуда истодааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда имконият фароҳам омад, ки дар соли 2014 дар муассисаҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва дигар муассисаҳои таълимии давлативу ғайридавлатӣ маҷмӯан 101116 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯёну муҳоҷирони меҳнатӣ ба тайёрии касбӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифта шаванд.

Аз ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ тавассути роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои барнома ба таври ройгон 18226 нафар ва тариқи худмаблағгузорӣ 47305 нафар аз тайёрии касбӣ гузашта, малакаҳои касбии 34284 нафар бо шаҳодатномаҳо тасдиқ карда шуданд. Дар баробари ин 1301 нафар бо воситаи дигар созмонҳо ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ҳамин замина иҷроиши дурнамои барнома (15200 нафар) дар самти тайёрии касбӣ ба андозаи 119,9 фоиз таъмин карда шуд ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2013 нишондоди мазкур 93,0 фоизро ташкил медиҳад.

Натиҷаи фаъолият оид ба раванди тайёрии касбӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандони бекор ва корҷӯёну муҳоҷирони меҳнатӣ дар миқёси вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар диаграммаи 8 оварда шудааст.

Диаграммаи 8.




Дар давраи ҳисоботӣ бевосита аз ҷониби муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 63504 нафар шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ҷалб карда шуданд. Аз ҳисоби маблағҳои барнома 18226 нафар, тавассути худмаблағгузорӣ 20446 нафар бо дигар созмонҳо 3701 нафар ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 21128 нафар бо шаҳодатнома тасдиқ карда шуданд.

Дар Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" аз ҳисоби маблағҳои барнома 11769 нафар ва тавассути худмаблағгузорӣ 16436 нафар шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, дар ин муассиса малакаҳои касбии 16124 нафар бо шаҳодатнома тасдиқ карда шуданд.

Дар баробари ин тибқи шартномаи ҳамкорӣ байни Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ва Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2014, №5 13 нафар сарбозон дар давоми се моҳ ба омӯзиш фаро гирифта шуда, соҳиби шаҳодатномаи тахассусии ихтисоси "Ошпаз-қаннод" гардиданд ва минбаъд низ дар заминаи ин шартнома боз 40 нафар сарбозон ба тайёрии касбӣ ҷалб карда мешаванд.

Илова ба ин, тибқи супориши Идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 апрели соли 2014, №386 барои омодагии муносиб ба баргузории ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай, ки 11-12 сентябри соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, 150 нафар донишҷӯён аз донишгоҳи тиҷорат ва донишкадаи забонҳои пойтахт барои гузаштани дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ба таври ройгон тавассути роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар Муассисаи давлатии "Маркази таълими

калонсолони Тоҷикистон” ба омӯзиши касбӣ “Пешхизмат” аз 12 майи соли 2014 ба омӯзиш фаро гирифта шуда, соҳибкасб гардиданд.

Омодагии ин нафарон аз ҷониби коршиносони пуртаҷрибаи ҷумҳурӣ ва дигар мутахассисон аз давлатҳои хориҷӣ амалӣ гардид.

Инчунин, дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” бо дастгирии Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат системаи мониторинги меҳнати кӯдак ҷиҳати бартараф намудани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак мавриди татбиқ қарор дошт.

Давоми соли 2014 дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат 180 нафар кудакони машғулбуда ба шаклҳои бадтарини меҳнат, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 60 нафар, Кӯлоб 60 нафар, Исфара 30 нафар ва Хоруғ 30 нафар аз иҷрои ин намуди корҳо озод карда шуданд.

Дар дигар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои барнома 18226 нафар, тавассути худмаблағгузорӣ 20446 нафар шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 21128 нафар бо шаҳодатнома тасдиқ гардиданд.

Дар баробари ин, аз ҷониби КВД “Маркази таълимии шаҳри Душанбе” дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди 60 нафар ятимдухтарон, ноболиғони гирифтори хушунат ва зӯроварӣ, ки бошандагони Маркази таълимии “Чароғи ҳидоят” мебошанд ба омӯзиши касбҳои “Қаннодӣ” (20 нафар), “Дӯзанда” (20 нафар) ва “Асосҳои омӯзиши компютер” (20 нафар) ҷалб гардиданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, дар соли 2014 аз ҳисоби хатмкардагони марказҳои таълимӣ, ки тавассути маблағҳои барнома ба касбомӯзӣ ҷалб шудаанд, 8845 нафар (48,5%) дар корхонаҳо бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Омили муҳим барои бо кор таъмин шудани хатмкунандагони муассисаҳои таълими касбӣ роҳандозӣ намудани раванди таълими касбӣ ба талаботи воқеии бозори меҳнат мебошад.

Аз ин лиҳоз соли ҷорӣ аввалин маротиба аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо дастгирии молиявии Бонки Рушди Осиё пурсиши корфармоён барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ дар 971 ташкилоту корхонаҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Натиҷаҳои ниҳоии пурсиши корфармоён семоҳаи аввали соли 2015 ҷамъбаст карда шуда, маълумоти таҳлилӣ ба вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ, дар робита ба дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 оид ба рушди ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ ва тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №375 “Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва аз 1 декабри соли 2014, №737 “Дар бораи Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020” бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли дар муассисаҳои таълимии системаи Агентӣ 8752 нафар занону духтарони хонашин ба омӯзиши касбҳои «Қолинбофӣ», “Қуроқдӯзӣ”, “Бофандагӣ”, “Гулдузӣ”, “Сузанидузӣ” ва дигар касбҳои мардумӣ ҷалб гардиданд.

Аз ҷумла, дар ВМКБ 185 нафар “Дӯзанда”, 215 нафар “Бофанда”, 158 нафар “Гулдӯз”, 20 нафар “Қолинбоф”, 30 нафар “Тоқидӯз” ва 35 нафар

“Пашмбоф” ба омӯзиши ҳунарҳои миллӣ  сафарбар шуданд, ки дар маҷмӯъ 643 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар вилояти Хатлон 246 нафар ба омӯзиши касби “Зардузӣ”, 1981 нафар “Дӯзанда”, 520 нафар “Бофанда”, 120 нафар “Қуроқдӯз”, 315 нафар “Гулдӯз”, 30 нафар “Шероздӯз”, 40 нафар “Ҷуроббоф”, 40 нафар “Сабадбоф”, 80 нафар “Ҷуроббоф” ва  379 нафар ба омӯзиши “Қолинбофӣ” сафарбар шуданд, ки ҷамъ 3751 нафар мебошанд.

Дар вилояти Суғд аз ҳисоби  занону духтарони хонашин дар муассисаҳои таълимии системаи Агентӣ 126 нафар ба омӯзиши касби “Зардузӣ”, 1085 нафар “Дӯзанда”, 176 нафар “Бофанда”, 135 нафар “Қуроқдӯз”, 182 нафар “Гулдӯз”, 226 нафар “Сузанидӯзӣ”, 15 нафар “Ҷомадӯзӣ”,  634 нафар  “Қолинбофӣ”, 32 нафар “Адрасбоф”, ҷамъ 2611  нафар ба омӯзиши ҳунарҳои миллӣ фаро гирифта шуданд.

Дар шаҳри Душанбе бошад дар ҳамин давра 657 нафар ба омӯзиши ҳунарҳои миллӣ ҷалб шуданд, ки аз ин шумора  22 нафар “Гулдӯз”, 23 нафар “Қолинбоф” ва 612 нафар “Дӯзанда” мебошанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ  68 нафар ба омӯзиши касби “Зардузӣ”, 1040 нафар “Дӯзанда”, 98  нафар “Бофанда”,  78  нафар “Қуроқдӯз”, 190 нафар “Гулдӯз”, 16 нафар “Сабадбоф”, 20 нафар “Гилембоф” ва 170 нафар  ба омӯзиши “Қолинбофӣ” сафарбар шуданд, ки дар маҷмӯъ 1680 нафарро ташкил медиҳанд.

Натиҷаи ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарони хонашин дар микёси минтақаҳо ва аз рӯи касбу ҳунарҳо дар диаграммаҳои 9 ва 10 оварда шудааст.

Диаграммаи 9.



Диаграммаи 10.




Бояд қайд намуд, ки пас аз тасдиқ гардидани қарорҳои болозикри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои роҳандозӣ намудани омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо пайваста тадбирҳо амалӣ шуда истодаанд.

Аз ҷумла, дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд “Маркази таълими-истеҳсолии “Шероз”, дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе КВД “Гулдастони пойтахт-90” таъсис дода шудаанд.

Масъалаи муҳими дигар дар ин самти фаъолият ба тайёрии касбӣ ҷалб намудани шаҳрвандоне мебошад, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ ҷиҳати иттилоотонии аҳолӣ дар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ба омӯзиши фанни “Забони русӣ” ва касбу ихтисосҳо ҷалб намудани муҳоҷирони меҳнатии эҳтимолӣ корҳои муайяне низ анҷом дода шуд.

Аз ҷумла, бо мақсади дастрасии муҳоҷирони меҳнатӣ ба “Маълумоти таҳлилӣ оид ба қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Федератсияи Россия дар бораи пурзур намудани талабот ва чорабиниҳо нисбат ба муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ” мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ, вилояҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои Хадамоти муҳоҷират аз 13 марти соли соли 2014, №1.5.1/266 нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, дар тамоми ҷамоатҳои деҳот, шаҳру ноҳияҳо мухтавои санадҳои қабулгардидаро тавассути воситаҳои ахбори омма, радиову телевизиони маҳаллӣ ба иттилои шаҳрвандон расониданд.

Дар ҳамин радиф, тибқи Нақша-чорабиниҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ» аз 14 апрели соли 2014 бо мақсади омӯзиш ва таблиғоти шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ мераванд дар 15 шаҳру ноҳияҳои пилотӣ корҳои таблиғотӣ: омӯзиш, вохӯрӣ ва семинар-машваратҳо низ гузаронида шуданд.

Аз ҷумла, бо муҳоҷирони меҳнатие, ки хоҳиши ба Федератсияи Россия рафтан доштанд дар шаҳри Қӯрғонтеппа 5 апрели соли 2014, Кӯлоб 8 апрел,

Истаравшан 9 апрел, Ҳисор ва Хоруғу Конибодом 16 апрел, Турсунзода 24 апрел, Данғараву Норак 29 апрел чунин семинар-машваратҳо доир гардиданд.

Семинар-машваратҳо инчунин дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров, Варзоб, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Бохтар, Рашт ва Ёвон низ ташкил карда шуданд, ки дар ин чорабиниҳо 950 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷавонон ширкат варзиданд.

Ҷараёни баргузории семинар-машваратҳо тавассути барномаи «Ахбор» дар «Шабакаи аввал» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» сабт ва пахш шуданд.

Дар ин раванд маҷмӯан дар вилояти Суғд бо 2274 нафар, Хатлон бо 2220 нафар, ВМКБ бо 207 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо 1857 нафар ашхоси корҷӯе, ки муроҷиат кардаанд, машваратҳои фардӣ гузаронида, доир ба донистани забон, фарҳанг ва қонуну қоидаҳои кишварҳое, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, риоя намудани талабот оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ машваратҳо дода шуд ва фаъолияти густурда дар ин ҷода идома дорад.

Ҳамчунин, бо мақсади дастгирии муҳоҷирони меҳнатии эҳтимолӣ дар заминаи Ёддошти тавоҳум миёни Ҳукумати Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Ҳамкориҳо дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ" (7-9 ноябри соли 2014) тасмим гирифта шуд, ки дар Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" маркази санҷиши тестӣ оид ба донистани "Забони русӣ", "Таърихи Россия" ва "Қонунгузории Федератсия Россия" таъсис дода шавад.

Ин иқдом имконият фароҳам меорад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохили кишвар аз санҷиши тестӣ гузаронида шаванд ва бо шаҳодатномаҳои намунаи давлати Россия таъмин карда шаванд.

Дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" низ мавҷуд аст, ки дар ҷодаи касбинтихобкунӣ, расонидани хизматҳои машваратӣ ва касбӣ ба корҷӯёну шаҳрвандони бекор, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ хизмат мерасонад.

Бо назардошти муҳим будани ин самти фаъолият, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул гардид, ки мувофиқи ин санад дурнамои нақшаи фаъолият дар ин соҳа муайян шуд.

Дар ҳамин замина фаъолияти "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" роҳандозӣ шуда, тайи давраи ҳисоботӣ кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ ҷамъ ба 27970 нафар хизмати касбӣ расониданд, аз ҷумла: дар ВМКБ ба 1427 нафар, вилоятҳои Суғд 6803, Хатлон 5451, шаҳри Душанбе 7399 дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ба 6890 нафар хизмати касбӣ расонида шуд.

Аз ин теъдод бекорон 11269 нафар, занҳо 3642, маъюбон 470, ҷавонони синну соли 15-29 сола 4522, шаҳрвандони аз Қувваҳои мусаллаҳ озодшуда 1127 ва шаҳрвандони дорои маълумоти олӣ 1508 нафарро ташкил медиҳанд.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мутахассисони Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" бо 9398 нафар шаҳрвадон пурсиши сотсиологӣ гузаронида шуд, ки аз ин шумора 3699 нафарро хонандагон, 2523 ҷавонон, 1036 коргарон ва 2140 нафарро бекорон ташкил медиҳанд.

Барои тақвият бахшидан ба фаъолияти минбаъда дар самти тайёрии касбӣ ва роҳнамоии касбӣ муҳим аст, ки Консепсияи рушди таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва мавриди татбиқ қарор дода шавад.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 тайи давраи ҳисоботӣ тибқи 201 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 4685 нафар бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии барнома 101,8 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 100,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар миқёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар ВМКБ 320 нафар, вилояти Суғд 1087 нафар, вилояти Хатлон 1629 нафар, шаҳри Душанбе 363 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1286 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои музднoки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Қайд намудан зарур аст, ки аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилоту муассиса ва корхонаҳо тайи давраи мадди назар танҳо аз рӯи 17 номгӯи корҳои ҷамъиятии музднок кор ташкил карда шудааст, ки ин 32,1 фоизро аз номгӯи умумии корҳои ҷамъиятӣ (53 номгӯй) ташкил медиҳад.

Бинобар ин, мувофиқ ба мақсад аст, ки дар фаъолияти минбаъда номгӯи корҳои иҷрошаванда афзоиш дода шавад ва ба ин васила теъдоди ҳарчӣ бештари шаҳрвандони бекор ба шуғли муваққатӣ ҷалб карда шаванд.

Мушкилоти дигар дар ин самти фаъолият саривақт пардохт нашудани музди меҳнатӣ шаҳрвандон аз ҷониби корфармоён мебошад.

Аз ин хотир, муҳим аст, ки мушкилоти мазкур дар ҷаласаи кумитаҳои маҳаллии ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирад ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҷиҳати ҳалли ин мушкилот мусоидат намоянд.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ.**

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба 8464 нафар шаҳрвандон ба маблағи зиёда аз 3 миллиону 874 ҳазор 639 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки ин нишондиҳанда 145,9 фоизро аз таъмини иҷрои барнома ташкил медиҳад ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба 103,9 фоиз баробар мебошад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 760 нафар, вилояти Суғд ба 2270 нафар, вилояти Хатлон 3496 нафар, шаҳри Душанбе 705 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 1233 нафар кӯмакпулӣ барои давраи бекорӣ ба шаҳрвандон пардохт карда шуд.

Таҳлили сифатии раванди таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо барои бекорӣ нишон медиҳад, ки дар давраи мадди назар аз ҳисоби табақаҳои осебпазир дар бозори меҳнат ба 204 нафар шаҳрвандони аз корхонаҳо ихтисоршуда, 611 нафар бо хоҳиши худ, 628 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ

озодшуда ва 7021 нафар ҷавонони аз Қувваҳои Мусаллаҳ озодшуда чунин кӯмакпулиҳо таъин ва пардохт шудаанд.

Тавре маълум аст, соли ҷорӣ бо иқдоми башардӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф” аз 29 октябри соли 2014, №1130 ба тасвиб расид.

Дар партави ин иқдоми Президенти кишвар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар давраи ҳисоботӣ 580 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф” озод шудаанд, ба қайд гирифта, ба 501 нафар кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин карда шуд, 18 нафар бо ҷойи кор таъмин гардид, 7 нафар ба тайёрии касбӣ ҷалб шуд ва ба 1 нафар қарзи имтиёзнок таъин ва пардохт гардид.

Аз теъдоди нафароне, ки аз маҳбас озод шуда дар қайди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошанд, 35 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Дар раванди татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи таъмини нишондиҳандаҳои ин барнома масъалаи мақсаднок ва оқилона истифода намудани маблағҳои пешбинишуда аз ҳисоби буҷети давлатӣ низ хеле муҳим мебошад.

Бо мақсади таъмин намудани ин ҳадаф ва “Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” моҳи декабри соли равон аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ семинари омӯзишӣ бо муҳосибони мақомоти шуғли аҳолӣ ва марказҳои таълими касбӣ доир карда шуд, ки дар кори он зиёда аз 100 нафар кормандони масъули соҳа иштирок доштанд.

Ин иқдом имконият медиҳад, ки камбудиву норасоиҳои ҷойдошта дар фаъолияти молиявии мақомоти болозикр бартараф карда шаванд ва ҳолатҳои коррупсионӣ пешгирӣ гарданд.

Ҳамин тавр, мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо масъалаҳои танзиму густариши хизматрасониҳои шуғли аҳолиро пайваста назорат намуда, барои татбиқи босамари сиёсати давлат дар ҷодаи иҷтимоӣ тадбирҳои муассирро тадриҷан амалӣ менамоянд.

**Самти тарҳрезию молия**

Буҷети Агентӣ бо тағйиру иловаҳо дар самти нигоҳдорӣ бо назардошти Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ва Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳурявии роҳнамоии касбӣ”дар соли 2014 аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 11 392608 сомонӣ (ба истисноӣ харҷномаи хароҷотии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ) пешбинӣ гардидааст.

Иҷроиши он ба ҳолати 31 декабри соли 2014, 11392387 сомониро ташкил медиҳад, ки ба 99,99 % нақшаи солона баробар аст.

Харҷномаи хароҷотии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо тағйиру иловаҳо дар соли 2014 ба маблағи 13 500 000 сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Маблағи ҳақиқии ҷудошуда аз тарафи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2014, 12085830 сомониро ташкил медиҳад, ки ба 89,5% нақшаи солона баробар аст.

Маблағи ҷудогардида мувофиқи харҷномаҳои хароҷотии тасдиқгардида ба мақомоти Агентӣ пурра маблағгузорӣ карда шуд.

Ба андозаи 1 414 170 сомонӣ маблағи самти дастгирии молиявии шаҳрвандони бешуғл тавассути пардохти қарзҳои хурди имтиёзнок аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ нагардид.

**Корҳои ташкилӣ ва коргузорӣ**

Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани назорати иҷрои маводҳои воридотӣ ва содиротӣ, назорати иҷрои супоришҳои ҷаласаҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Шурои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва иҷрои Нақша - чорабиниҳо як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Дар ин муддат дар самти корҳои ташкилӣ ва коргузорӣ дар соли 2014, 50 фармоишҳои дохилии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки нисбати соли 2013, 14 адад фармоиш кам мебошад, Аз ин фармоишҳо 27 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар сохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд. Тайи ҳамин давра нақшаи моҳона, ки ҳар моҳ зиёда аз 50 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо ҳар ҳафта ба роҳбарият пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон 33 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ таҳия шудааст, ки 682 супоришро дар бар гирифта, 6 Протоколи ҷаласаи назоратии назди муовини аввали директор 91 супориш ва 2 Протоколи назди муовини директор 35 супоришро дар бар мегирад, таҳия ва тасдиқ карда шуда, иҷрои онҳо дар маҷлисҳои назоратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон», тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Ба Агентӣ дар соли 2014 ҳамагӣ - **1456** адад ҳуҷҷат ворид шудааст.

Аз ин шумора:

| | |
|---|---|
| - супоришҳои Вазорати мехнат (танхо) | - 374, адад |
| - супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | - 210 |
| - қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | - 37 |
| - мактубҳо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, сафоратхонаҳо | - 37 |
| - фармону, фармоишҳои Вазир | - 34 |
| - мукотибаи вазорату, идораҳо мактубҳо аз зертобеъи Агентӣ дар ш.Душанбе, вилоятҳо, шаҳру, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | - 636 |
| - мурочиати шаҳрвандон (аризахо) | - 128 |
| - қабули муроҷиати шифоҳии шаҳрвандон | - 95128 |

Таҳлили муросилоти содиротӣ нишон дод, ки дар соли 2014 Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 1188 адад ҳуҷҷатҳоро тайёр намуда, фиристодааст.

Дар муқоиса бо соли 2013 дар давраи ҳисоботӣ мактубҳои воридот ва содироти ҳуҷҷатҳо чунинанд:

- мукотибаҳои воридотӣ 42 адад кам
- мукотибаҳои содиротӣ 1006 адад кам

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ 128 адад мурочиатҳои хаттии шаҳрвандон дар шакли хаттӣ ворид шудаанд, ки нисбат ба соли 2013, 449 ариза кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ 1 мурочиати коллективӣ, 69 мурочиат тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути Вазорат бошад 29 адад ва 10 ариза қабули шахсии Вазир дохил шудааст.

Дар мурочиати шаҳрвандон пеш аз ҳама масъалаҳои таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ, расонидани кумаки моддӣ ва молиявӣ ва ғайра матраҳ шуданд.

Таҳлили мурочиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки ҳамаи аризаҳои шаҳрвандон сари вақт иҷро гардидаанд.

Дар дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ **қабули шаҳрвандон** аз ҷониби директор, муовинон ва сардорони раёсатҳо дар рӯзҳои корӣ ва шанбе, тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ба роҳ монда шуда, барои боз ҳам беҳтар намудани кор дар самти қабули шаҳрвандон кам шудани миқдори умумии аризаҳо ва бо таври оҷилӣ ҳал шудани масъалаҳо мусоидат намуд.

Дар давоми соли 2014 аз тарафи директор, муовинони директор, сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои Агентӣ 1054 нафар шаҳрвандон қабул карда шуданд.

Дар мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон пеш аз ҳама масъалаҳои гирифтани роҳхат барои касбомузӣ, шаҳодатномакунонӣ, таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ, гирифтани қарзи имтиёзнок ва кумакпулӣ, гирифтани тасдиқномаи бекорӣ, номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ, ташкили корҳои ҷамъиятӣ, дарҷ ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки нисбати ҳамаи мурочиатҳои шаҳрвандон чораҳои фаврӣ андешида шуда, куллӣ онҳо ба таври мусбӣ ва сари вақт ҳал шуданд.

**Самти иттилоотӣ**

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Агентӣ ин тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳои расмию даврӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, бахри амалӣ намудани сиёсати шуғл, таъсиси ҷойҳои корӣ, касбомӯзии шаҳрвандони бешуғл мебошад.

**Дар ҳамкорӣ бо шабакаҳои телевизионии ТВТ-1, “Ҷаҳоннамо”, “Сафина”, “Баҳористон” ва радиоҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳалӣ дар ин давра 56 барнома аз ҷониби мутахассисони дастгоҳи марказӣ ва дар ҳама сохторҳои мақомоти Агентӣ 349 барномаю гузоришҳои телевизионӣ, 223 гузоришҳо тавассути радиоҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, 203 мақолаҳо тавассути рӯзномаҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, 527 гӯшаҳо (стендҳо), 273 тахтаҳои эълонҳо ва 1114 эълон таввассути ВАО оид ба фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар самти муносибатҳои меҳнати, баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ, бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор, иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, масъалаҳои бокортаъминкунӣ, квота, корҳои ҷамъиятии музднок ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бешуғл ба аҳолии кишвар пешкаш гардонида шудааст.**

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои сиёсӣ аз ҷумла гузаронидани вохӯриҳо ба муносибати таҷлили 20 - умин солгарди Конститутсия (Сарқонун) - и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми навбатии Сарвари давлат, "Рӯзи Ваҳдати миллӣ", 24-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Рӯзи Парчами давлатӣ" ва "Рӯзи забони давлатӣ", дар байни кормандони дастгоҳи марказии Агентӣ ва сохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, вохӯриҳо гузаронида шуд.

Рӯзи 21-уми ноябри соли 2014 дар толори маҷлисгоҳи МД «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» мизи мудаввар доир ба системаи мониторинги меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Инчунин, 24-уми ноябри соли равон дар толори маҷлисгоҳи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни «Рӯзи Парчами давлатӣ» чорабинии тантанавӣ доир карда шуд.

Санаи 3-юми октябри соли равон бахшида ба Рӯзи «Забони давлатӣ» дар якҷояги̅ бо кормандони дастгоҳи марказии Агентӣ, муовини директори Агентӣ Ниёзов Қ., Сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумитаи забон ва ислоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансури Шодмон ва шоири шинохта устод Назри Яздон чорабини гузаронида шуд. Рафти ин чорабиниро шабакаи якуми Чумҳурии Тоҷикистон сабт намуда, шоми ҳамон рӯз дар барномаи иттилоотии «Ахбор» манзури тамошобинон гардонид.

Боиси таъкид аст, ки оид ба тайёр намудани 150 нафар "Пешхизмат" дар МД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон"барои гузаронидани чорабинии сиёсӣ, аз ҷумла вохӯрии навбатии сарони давлатҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай тавассути "Радиои озодӣ" пахш карда шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки телевизионҳои ТВТ-1, ТВ "Сафина", ТВ "Ҷаҳоннамо", ТВ "Пойтахт", ТВ "Баҳористон", радиоҳои "Тоҷикистон", "Садои Душанбе", "Имрӯз", дар ҳамаи ярмаркаҳое, ки баргузор мегарданд фаъолона иштирок намуда, тавассути барномаҳои телевизионӣ ва радиоҳҳо аз рафти ярмаркаҳо манзури тамошобинон мегардонанд.

Ташкил ва баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳими Агентӣ ба шумор меравад.

Ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» ва "Радиои Тоҷикистон" доир ба баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холии омӯзиши малакаи касбӣ пайваста мактубҳо таҳия ва ирсол мегарданд.

Тайи давраи ҳисоботӣ Агентӣ бо истифода аз сомонаи кории худ ***www. Kor.tj*** ҳамкориро бо сомонаҳои интернетӣ аз қабили *АМИТ* «Ховар», ***«Азия-плюс», «Тоҷ-news» ва «Озодагон» ва «Имрӯз-News»*** хуб ба роҳ монда, ҷиҳати инъикоси фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мунтазам маводҳои иттилоотӣ манзур мегардад.

Барои беҳтару самаранок ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ Нақша-чорабиниҳо оид ба инъикоси фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шабакаҳои радио ва телевизионии ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» таҳия ва ба мақомоти зертобеъ дастрас гардонида шуд.

Дар ин муддат 64 хабару эълон ва маълумотҳо ба сомонаи ***www.Kor.tj*** ***www. Mehnat.tj ва www, Khovar.tj*** ворид карда шуданд.

Дар мақомоти зертобеи Агентӣ бошад маълум гардид, ки дар маҳалҳо низ барои пеш бурдани сиёсати шуғли аҳолӣ тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ (дар телевизионҳои минтақавӣ) маводҳои гуногун омода карда ва манзури шаҳрвандони кишвар гардонидаанд.

***Аз ҳисоботи Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон*** бармеояд, ки бештари маводи пешниҳодшуда тариқи радио, телевизиони ҷумҳуриявӣ ва рӯзномаҳо асосан мавзӯи ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, оид ба касбомӯзии шаҳрвандони бекор, вазъи бозори меҳнат, ҷойҳои кори холӣ ва омӯзиши касбӣ, баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод, эълонҳо дарҷ гардидааст.

Илова бар ин дар давраи ҳисоботӣ тибқи маълумоти Раёсати Агентӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон зиёда аз 195 гушаҳо (стендҳо), 115 тахтаи эълонҳо, 344 эълонҳо, 35 баромад дар радио ва телевизионҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 111, мақолаю эълонҳо дар рӯзномаҳои минтақавӣ 18 оид ба самтҳои фаъолияти Агентӣ ва сохторҳои он инъикос гардидааст.

***Тибқи маълумоти Сарраёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд*** бо мақсади бештар шинос намудани шаҳрвандон барои баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳли ҷомеа ва дар сатҳи баланд ба роҳ мондани шуғли аҳолӣ дар ин давра корҳои муайян ба анҷом расонида шуд. Бо васоити ахбори оммаи сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ ТВТ-1, "Сафина", "Ҷаҳоннамо", "Симои мустақили-1", "Азия", "Ҷаҳоноро", "Суғд" ва "Тироз" ва рӯзномаҳои вилоятии "Ҳақиқати Суғд", "Согдийская правда" ҳамкорӣ намуда, ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ, таъсиси ҷойи кори холӣ, бо кор таъминкунии шаҳрвандони бекор, додани қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандоне, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд ва дигар мавзуъҳо инъикос намудаанд.

Дар соли равон аз ҷониби Раёсати Агентӣ дар ҳудуди вилоят шумораи стендҳо 158 адад, тахтаи эълонҳо 59, эълонҳо 160, баромад дар радио 71, баромад дар телевизионҳо 99, мақолаю эълонҳо дар рӯзномаҳо бошад 126 ададро ташкил менамояд.

***Дар раёсати Агентӣ дар ВМКБ***, бино бар иттилои масъулин корҳои наззарас сурат гирифтааст. Аз чумла тариқи шабакаҳои телевизионӣ 32, тавассути радио 19, мақолаҳо дар рӯзнома ва маҷаллаҳо 32, микдори гушаҳо (стендҳо) 68, тахтаи эълонҳо 42, эълонҳо 98, гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холи 24 чорабиниҳо гузаронида шудааст.

***Раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе*** барои пешбурди сиёсати шуғли аҳолӣ ҷиҳати таблиғу ташвиқот дар воситаи ахбори омма ва барои хуб ба роҳ мондани он, тавассути шабакаҳои телевизионии ТВТ-1, «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Пойтахт» ва радиои Тоҷикистон, «Садои Душанбе», «Ватан» дар мавзӯи бо ҷойи кори доимӣ ва бозомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор, тавассути ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба касбомӯзӣ сафарбар намудани корҷӯён, машваратҳо ва корҳои фаҳмондаадиҳӣ пеш аз ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани шаҳрвандон ва моҳияти гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод эълонҳо, баромаду мусоҳибаҳо анҷом доданд.

Дар заминаи ҳисоботҳои дар ин марҳила ба дастрасида, маълум мешавад, ки дар 4 ноҳияи пойтахт низ баҳри пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба шуғли аҳолӣ корҳои тарғиботӣ–ташвиқотӣ мутобиқи имконияту шароитҳо ба роҳ монда шуда, бештар маълумот ва эълонҳоро тавассути тахтаи эълонҳо ва

гӯшаҳо (стендҳо) ба иттилои шаҳрвандон расонида мешаванд. Чунин корҳо ва чорабиниҳо дар мақомоти Агентӣ низ ба анҷом расида шудаанд.

**Самти ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо**

Агентӣ бо мақсади таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №579 "Дар бораи Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ" Лоиҳаи Низомнома барои Раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ, шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва Раёсат, шуъба ва бахшҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия намуда истодааст, ки аз рӯи Низомномаи намунавӣ зерсохторҳои Агентӣ ба низомномаҳои амалкунандаи худ тағйирот илова намуда, барои тасдиқ ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳод менамоянд.

Теъдоди умумии хизматчиёни давлатӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014, №391 «Дар бораи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ» 389 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 50 воҳиди корӣ ба дастгоҳи марказӣ, 28 то ба шаҳри Душанбе, 63 то ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 119 то ба вилояти Хатлон, 92 то ба вилояти Суғд ва 37 воҳиди корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мансуб аст.

Тайи давраи ҳисоботӣ аз фармоишҳои содиршудаи кадрӣ (ҳайати кормандон, рухсатии меҳнатӣ ва сафари хизматӣ) маълум гашт, ки дар ин муддат ҳамагӣ 466 фармоиш, аз ҷумла ҳайати кормандон – 236, рухсатии меҳнатӣ – 170 ва сафарҳои хизматӣ – 60 адад таҳия ва ба тасвиб расидаанд.

Аз 236 адад фармоишҳои ҳайати кормандон 137 нафар кормандон ба вазифа таъин, 60 нафар озод карда шуданд, навбатдорӣ – 8 адад, 11 адад барои муқаррар намудани собиқаи хизмати давлатӣ, 1 адад барои гузаронидани баходиҳии хизматчиёни давлатӣ, 6 - адад дар бораи тамдиди шартномаи меҳнатии кормандон ва ҳайати хизматрасон, 1- адад дар бораи пешниҳод намудани Эъломия, 2 - адад дар бораи иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №19 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҷдиди сохтор, 5 адад дар бораи таъсиси комиссияҳо (тартиби гузаронидани озмун, аттестатсия, захираи кадрҳо, одоб ва оид ба муайян намудани рутбаҳои тахассусӣ, ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ ва иловапулӣ барои онҳо), 2 адад дар бораи муҷозоти интизомӣ, 1 адад барои гузаронидани озмуни кушода барои ишғоли мансабҳои холӣ дар Агентӣ ба имзо расидаанд ва 2 адад дар бораи вогузор кардани уҳдадориҳои мансабӣ таҳия гардидаанд.

Илова бар ин баъди таҷдиди сохтор 73 нафар сардорони раёсатҳо, шуъбаву бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз мансаб озод ва бо мактуби пешниҳодии раисони шаҳру ноҳияҳо ба мансаб таъин карда шуданд.

Аз 170 фармоишҳои рухсатии меҳнатӣ - 125 нафар рухсатии навбатии меҳнатӣ, 5 нафар рухсатии иловагии пардохтшаванда, 6 нафар рухсатии бемузд, 32 нафар аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд ва 2 нафар рухсатии барои нигоҳубини кӯдак ташкил медиҳад.

60 фармоишҳои сафари хизматӣ, ки таҳия ва тасдиқ гардидаанд, 10 адад курси такмили ихтисос, 49 адад сафари хизматӣ (61 нафар дар дохили кишвар) ба вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурро дарбар мегирад. Дар асоси 10 адад фармоишҳои курси такмили ихтисос, 3 нафар кормандони дастгоҳи марказӣ ба ҳайси лектор-омӯзгор ва 154 нафар мутахассисони соҳа ба ҳайси шунаванда дар курси такмили ихтисоси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар курсҳои мазкур, ки дар ВМКБ, Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе доир гардид, фаро гирифта шуданд.

Агентӣ ба фаъолияти 5 комиссия масъул буда, бобати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009, №659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» фармоиши директори Агентӣ аз 11.08.2014, №151-ҲК ба тасвиб расидааст оид ба ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар дастгоҳи марказии Агентӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ озмуни кушода гузаронида шуд, ки аз 27 мансаби дар озмун пешниҳодшуда 29 нафар довталаб ҳуҷҷат супорида, 24 нафар аз озмун гузаштанд.

Аз ҷониби Агентӣ дар асоси фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши Директор аз ҳисоби кормандони Агентӣ дар рӯзҳои корӣ рӯйхати навбатдорон ва дар рӯзҳои ид рӯйхати навбатдории шабонарӯзӣ тартиб дода шуда, дар дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои таркибӣ навбатдорӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014, №391 «Дар бораи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ», ки таҷдиди сохтор ба амал омад, дастурамалҳои мансабии кормандон аз нав таҳия ва аз ҷониби директор тасдиқ карда шуд, ки ҳамаи кормандон бо дастурамалҳои мансабӣ шинос карда шуданд.

Аз ҷониби Агентӣ дар асоси фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз 1 декабри соли 2014, №305 ва фармоиши директори Агентӣ аз 18 декабри соли 2014, №50 «Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии (хизматии) Агентии меҳнат ва шуғли аҳоли» таҳия карда шуд.

Ҳамзамон оид ба иҷрои «Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 - 2016", "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020", "Барномаи давлатии компютеркунонии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои солҳои 2012-2015" ва "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016" ҳар семоҳа аз ҷониби Агентӣ ба Вазорат ахборот манзур мегардад.

**Самти хоҷагидорӣ**

Аз ҷониби Агентӣ дар давоми соли 2014 як қатор фармоишҳои директори Агентӣ аз 8 майи соли 2014,№12 «Дар бораи вобаст намудан ва нигоҳдории молу амволи дастгоҳи марказии Агентӣ», аз 22 майи соли 2014, №14 «Оид ба тадбирҳои иҷрои фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз 19 майи соли 2014, №286 «Дар бораи саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтаъзам ва

самарабахш дар давраи тирамоҳу замистони соли 2014-2015», аз 29 майи соли 2014, №15 «Дар бораи таъсис додани дастаи ихтиёриии бехатари аз сухтор дар дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ» омода гардида, унвонии мақомоти зертобеи Агентӣ интиқол дода шуд.

Агентӣ дар баробари дигар масъалаҳои мавҷудбуда ба рафти зимистонгузаронӣ ва пешгирӣ аз сухтор дар дастгоҳи марказӣ ва Раёсату шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ диққати ҷиддӣ дода, тибқи дархост маводҳои заруриро таъмин намудааст.

Агентӣ дар давоми соли 2014 бо мақсади таъмини намудани марказҳои таълимии системаи Агентӣ ва Раёсату шуъбаҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо бланкаҳои шаҳодатнома барои касбомӯзӣ ва роҳхат тадбирҳои аввалиндараҷа андешидааст.

Бо ҳамин мақсад зиёда аз 59060 адад шаҳодатнома ва 18000 адад роҳхат барои омузиш дар самти барномаи шуғли аҳолӣ, худмаблағгузор ва шаҳодатномакунии малакаҳои касбиро омода кард ва тибқи дархости мақомотҳои зертобеъ дастраси онҳо намуд.

Бо мақсади фаъолияти мунтазами дастгоҳи марказии Агентӣ ва раёсату шуъбаҳо дар вилоятҳо шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ дар асоси харҷномаи ҷудогардида дар давоми соли сипаришуда маводҳои аввалиндараҷа аз қабили компютор, принтер, қоғази сафед, қаламу ручка ва дигар таҷҳизот харидорӣ гардид, ки он фаъолияти ҳаррузаи кормандонро дар давоми сол таъмин намудаст.

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ минбаъд ҳам фаъолияти худро дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, кушиш ба харч медиҳад, ки ба комёбиҳои назаррас ноил гардад.

**Директори Агентӣ** **Б. Баротзода**

**Маълумот**
**оид ба ичрои нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 дар соли 2014**

| НИШОНДИҲАНДАҲО | Пешгӯии солонаи Барнома 2014 | Соли 2014 дар асл | % | Соли 2013 | % нисбати соли 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии ҷумҳурӣ (ҳаз. нафар) | 8147,6 | 8294,5 | 101,8 | 8104,0 | 102,3 |
| Захираҳои меҳнатӣ (ҳаз. нафар) | 5112,0 | 4866,0 | 95,2 | 4796,0 | 101,5 |
| Қувваҳои корӣ, (ҳаз. нафар) | 2461,0 | 2294,6 | 86,9 | 2263,3 | +1,4% |
| Аҳолии дар иқтисодиёт машғул (ҳаз. нафар) | 2660,0 | 2237,8 | 84,1 | 2207,7 | +1,4% |
| Бекорони расман ба қайдгирифташуда дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ (ҳаз. нафар) | 57,4 | 56,8 | 99,0 | 55,6 | +2,1% |
| Сатҳи расмии бекорӣ, % | 2,2 | 2,5 | | 2,5 | |
| Ба мақомоти шуғли аҳолӣ муроҷиат намуданд | | 112634 | | 119189 | 94,5 |
| Ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуд (ҳаз. нафар) | | 72409 | | 71168 | +1,7% |
| Мақоми бекорӣ дода шуд | | 51248 | | 51403 | 99,7 |
| Бо ҷойи кор таъмин гардиданд | 34723 | 38911 | 112,1 | 37903 | +2,6% |
| Аз ҷумла, тавассути квотаҳо бо ҷойи кор таъмин шуданд | 2635 | 2635 | 100,0 | 2609 | +1,0% |
| Қарзи имтиёзнок дода шуд | 3100 | 3751 | 121,0 | 3578 | +4,8% |
| Ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ | 665 | 685 | 103,0 | 685 | 0,0 |
| Ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар шуданд | 4600 | 4685 | 101,8 | 4682 | +0,1% |
| Ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд | 15200 | 18226 | 119,9 | 19592 | 93,0 |
| Расонидани хизмати самтдории касбӣ | 21800 | 27970 | 128,3 | 23803 | +17,5% |
| Кӯмакпулӣ барои давраи бекорӣ дода шуд | 5800 | 8464 | 145,9 | 8145 | +3,9% |
| Таъсиси ҷойҳои корӣ | 138378 | 251570 | 181,8 | 205333 | +22,5% |
| Ҷойҳои кории холӣ | | 10335 | | 11280 | |
| Ҳамагӣ бо % | | | 123,7 | | +5,0% |

**Эзоҳ:** Рақамҳо дар бораи ҳайати аҳолӣ аз нашри расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст.